**ИҚТИБОС АЗ ПРОТОКОЛИ№ 4**
**ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

шаҳри Хуҷанд 30 ноябри 2021

**Иштирок доштанд:**

Ҳомидзода Ф.М. - доктори илмҳои таърих, профессор, мудири таърих ва диншиносӣ, Раҳимов Н.Т. - доктори илмҳои таърих, профессор, Тоатов Ҳ.С. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Дӯстов Д.К. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Абдуқодиров А.А. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Файзуллоева М.Ш. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Нурмаҳмадов Ю.Ш. – номзади илмҳои филология, дотсент, Умарова М.С. - муаллими калон, Ҳамидова М.М. - муаллими калон, Ҳусайнов М.С. - муаллими калон, Олимов Д.Р. – ассистент, Қаҳоров У.А. – ассистент, Мансурова М. А. – ассистент, Шерматов А.А. – ассистент, Дӯстматова М.Т. – коргузори кафедра.
Даъватшудагон: унвонҷӯ - Султонзода Беҳзод Султонӣ

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

5. Масъалаҳои ҷорӣ :

а) Муҳокима ва ба ҳимоя тавсия намудани рисолаи номзадии унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи Ватан таҳти роҳбарии д.и.т., профессор Ғаффорӣ Н.У.

**<u>Шунида шуд: Ҳомидзода Ф.М</u> (доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносӣ)** - Диссертатсияи унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи «Лашкари аморати Бухоро дар замони тобеият ба Россияи подшоҳӣ (1865-1920)» дар кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо роҳбарии

доктори илмҳои таърих, профессор Ғаффорӣ Нӯъмонҷон Усмонзода ба анҷом расидааст.

Унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ соли 1980 таваллуд шуда, соли 2003 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро бо ихтисоси муаллими таърих ва ҷомеашиносӣ хатм намудааст. Солҳои 2010-2012 фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси муаллими мактаби Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Мактаби Рустамов” оғоз намуда, солҳои 2013-2018 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2012 то имрӯз дар факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муаллим-методисти калони қисми таълимӣ ва аз октябри соли 2021 то ҳол дар вазифаи сардори қисми таълимӣ фаъолият дорад.

Унвонҷӯ Султонзода Б.С. тибқи шаҳодатномаҳои № 611 аз 23.04.2019 аз фанни таърих ва фалсафаи илм, № 631 аз 23.04.2019 аз фанни забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон имтиҳони минимуми номзадиро супоридааст.

**Шунида шуд: Султонзода Б.С. (унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносӣ)** - Рисолаи номзадии мо, ки дар мавзуи “Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» зери роҳбарии д.и.т. Ғаффорӣ Н.У. ба анҷом расонидаем аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл,хулоса, рӯйхати маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 197 саҳифа омода гардидааст.

Мақсади асосии таҳқиқот ин пеш аз ҳама омӯзиши вазъи лашкар, умури аскария ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти аморат ба Россияи подшоҳӣ буда, дар доираи таҳқиқи ин муаммои то ҳол дар фанни таърих, хосатан дар илми таърихи халқи тоҷик омӯхтанашуда, якчанд масъалаҳои мубрам мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд:

1. Истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва истиқрори протекторати Россия (солҳои 1865-1868);
2. Авзои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти ин аморат ба Россияи подшоҳӣ дар асоси маъхаз ва маълумотҳои бойгонӣ ва адабиёти илмӣ;
3. Ташкили артиши муназзам ва таъминоти он;
4. Анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангии лашкари аморат;
5. Идораи лашкари аморат: вазифа, унвонҳои ҳарбӣ, дараҷа ва ӯҳдадориҳои соҳибони он;
6. Вазъи таъминоти моддии лашкари аморат дар замони протекторат.

Дар доираи баррасиҳо ҷараёнҳои сиёсӣ - ҳарбии замони истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ таҳқиқ шуда, ҳодисаҳои марбут ба истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва истиқрори протекторати Россияи подшоҳӣ аз болои аморат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия то имрӯз 1 монография, 8 мақола, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном гардида чоп намуда, ҳамчунин, дар конференсияҳои илмии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2012-2022) маърузаҳо намудем.

**<u>Шунида шуд: Раҳимов Н.Т. (доктори илмҳои таърих, профессор)</u> - Навоварии кори илмӣ – таҳқиқотии Шумо дар чӣ зоҳир мегардад?**

**<u>Шунида шуд: Султонзода Б.С. </u>(унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносӣ)** - Навоварии тадқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал мавзуи илмии мазкур дар Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Дар иртибот бо омӯзиши ин муаммо доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён шудаанд. Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии

мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст. Дар рисола бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи тадқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, умури аскария ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идоракунӣ ва анъанаҳо омӯхта шудаанд.

**<u>Шунида шуд: Тоатов Ҳ.С. – (номзади илмҳои таърих, дотсент)</u>.- Арзиши амалии тадқиқоти мазкурро Шумо дар чӣ мебинед?**

**<u>Шунида шуд: Султонзода Б.С.</u> (унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносӣ) -** Арзиши амалии тадқиқоти мазкурро мо дар он мебинем, ки аз рӯи натиҷаҳои он метавон дар мавриди таҳия ва хондани маърӯзаҳо, гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, дар навиштани корҳои курсиву дипломӣ, рисола ва монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва ғайра ба таври васеъ истифода намуд.

**<u>Шунида шуд: Дӯстов Д.К. – (номзади илмҳои таърих, дотсент) Дар рафти омода намудани кори илмӣ –таҳқиқотии хеш Шумо аз кадом сарчашмаву маъхазҳои илмӣ истифода намудед?</u>**

**<u>Шунида шуд: Султонзода Б.С.</u> (унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносӣ) -** Дар рафти навиштани рисолаи диссертатсионӣ мо аз осори адабию таърихии Муҳаммадвафои Карминагӣ, Мирзо Бадеъи Девон, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Мирзо Салимбек, Садри Зиёи Бухорӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Мир Муҳаммад Сиддиқи Ҳашмат, Муҳаммад Сайиди Балҷувонӣ, Мир Муҳаммад Амини Бухорӣ, Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, Олимбек ибни Ниёзқулибек, Бақохоҷа писари Ҳамидхоҷа, Мулло Абдураҳмон Тамкини Бухорӣ, Муъин, Олимхоҷа ибни Мирзо Саййид Хоҷа Мушрифи Бухорой, осори муаллифони Хӯқанд ва Хоразм, ҳуҷҷат ва асноди Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (БМДРӮз), маҷмӯаи “Туркестанский сборник”, осори таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи давраҳои мухталифи давлатдории аморати Бухоро дар осори худ маълумотҳои муҳим додаанд, истифода намудем.

**<u>Баромад намуданд:</u>**

**Рахимов Н.Т. - доктори илмҳои таърих, профессор** – Дар таҳия ва омода намудани кори илмӣ –таҳқиқотӣ унвонҷӯ аз сарчашмаҳои гуногун ва адабиётҳои илмии ватаниву хориҷӣ хеле ба маврид истифода намудааст. Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, муҳтаво ва хулоса ба талабот ҷавобгӯ буда, кори илмии баанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълифгардида ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи номзадии мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сазовор мебошад.

**Шунида шуд: Абдуқодиров А.А. (номзади илмҳои таърих, дотсент) -** Диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ аввалин таҳқиқоти муфассал оид ба «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ба шумор меравад. Мавзуъ аз ҷониби диссертант бо фарогирии ҷиҳатҳои гуногунаш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хосе барои омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои давраи пасини муносибатҳои феодалии Осиёи Миёна фароҳам омадааст. Бо дарназардошти зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик дар садаҳои миёна ва пасин мавзуи лашкардорӣ, нақши лашкар дар умури сиёсӣ ва идории давлат ва мақоми он дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аҳамияти хос пайдо мекунад.

Аз ин ҷост, ки диссертатсияи мазкур яке аз мавзуҳои мубрами илми таърихнигорӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Шунида шуд: Ҳомидзода Ф.М. (доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносӣ)** – Рисолаи номзадии унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ таҳти унвони «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» зери роҳбарии д.и.т. Ғаффорӣ Н.У. муҳокима гардид, он ба талаботи навиштани рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, рисола ба овоздиҳӣ гузошта мешавад, ва тибқи он қарор қабул менамоем.

Иштирок доштанд, аъзоёни шӯро – 14 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

«ҷонибдор» -14 нафар

«муқобил» - нест

«бетараф» – нест

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Бо қарори кафедра протокол ва хулосаи ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон пешниҳод мегардад:

**Қарор карда шуд:**

5.1. Рисолаи унвонҷӯ - Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ба Шӯрои олимони факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ барои муҳокима ва хулосаи факултет пешниҳод карда мешавад.

5.2. Рисолаи унвонҷӯ - Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 - Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба талаботи муқаррargardидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

5.3. Рисолаи унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ пешниҳод карда мешавад.

**Мудири кафедраи таърих ва**
**диншиносии ДДҲБСТ д.и.т., профессор:** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Котиби коргузори кафедра:** **Дӯстматова М.Т.**